# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Боев Муродбек Бекмаҳмадович дар мавзуи «Асосҳои илмӣ – педагогии ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро-графикӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ)

Равандҳои босуръат инкишофёбандаи иттилоотикунонӣ ва ҳамгироии илмҳои гуногунсоҳаву самтҳои фаъолият, ҷараёни муттасил афзуншавандаи иттилоот ва инноватсияҳо дар соҳаи иқтисодиёту таҳсилот, пайваста шинос кардан бо тамоюлҳои нав ва ҳаматарафа таҷдид намудани дониши хатмкунандагон, махсусан, хатмкунандагони муассисаҳои олии техникиро талаб менамояд. Ҳамчунин тақозо дорад, ки сатҳу сифати омодагии муҳандисони оянда ва кормандони муҳандисӣ- техникӣ баланд бардошта шавад. Ҳамчунин муаммои мазкур кори таваҷҷуҳи дарозмуддату стратегӣ ҷиҳати таҷдиди сифати захираҳои зеҳнии давлати тоҷикон, таъмини амнияти миллии давлати соҳибистиқлол аст. Ба ин васила, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ оид ба масъалаи беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ, ҳамчунин рушди тафаккури техникии насли наврас сухан ронда, солҳои 2020-2040-умро «Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» эълон намуданд.

Дар ҳалли масъалаи дар боло зикр гардида ҳамгироии фанҳо ҳам барои фаъолияти амалии омӯзгорон, ҳам ҷиҳати рушди асосҳои илмии педагогика дар маҷмӯъ накши муҳим дорад. Вобаста ба ин муаммо интихоб ва тарҳрезии мундариҷаи таҳсилот ба миён меояд, ки ду ҷанбаи асосӣ дорад:

а) муайян кардани унсурҳои сохтории таҳсилот;

б) дақиқ намудани робитаҳои байни онҳо, ки низомро ба вуҷуд меоранд.

Матлаби мазкур бо ҳамбастагии муҳими ин ду масъала дар таърихи инкишофи назарияҳои педагогӣ дар раванди ташаккули муассисаи олии муҳандисии муосир, ҳамчунин самтҳои таҳқиқот ва марҳалаи имрӯзаи рушди соҳаи педагогика тасдиқ мегардад.

Бинобар ин кори илмӣ-таҳқиқотии Боев Муродбек Бекмаҳмадович масъалаи мубрами таҳқикшаванда буда, ҷанбаҳои он ба самарабахшии минбаъдаи фаъолияти касбии хатмкунандагони факултетҳои муҳандисӣ, маҳз ба ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикӣ (омӯзиши комплексии

тамоми объекту падидаҳо, қобилияти синтези донишҳои илмӣ) бахшида шудааст.

Дар диссертатсия омили фароҳамоварандаи низоми ҳамгирой амсилаи графикие, ки салоҳиятнокии геометро-графикии донишҷӯён - хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти олии техникиро ташаккул медиҳад, ҳамчунин дар ин замина ба рушди тафаккури визуалию образноки муҳандисони оянда таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мегардад, пешкаш карда шудааст.

Дар воқеъ, то ҳол илми педагогии ватанӣ чунин таҳқиқот оид ба ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда арзи вуҷуд надошт.

Рисолаи илмӣ аз муқаддима, ду боб, 6 зербоб, хулоса, 3 ҷадвал, 25 расм ва 233 адабиёт иборат буда, диссертатсия дар ҳаҷми 157 саҳифа таҳия гаридаает.

Паҳлӯҳои асосии диссертатсияро мубрамии таҳқиқот, дараҷаи омӯзиш, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, фарзия, навгонии илмӣ, асосҳои назариявию методологӣ, аҳамияти назариявию амалӣ, муқаррароти асосӣ, пойгоҳи таҳқиқотӣ, саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми рисола пурра дар автореферат инъикоси худро ёфта, ба итмомрасии таҳқиқотро шаҳодат медиҳад.

Дар асоси гуфтаҳои боло дар диссертатсия **вазифаҳои зерин** муайян шудааст:

1. Муайян кардани самтҳои рушди таҳсилоти муҳандисӣ-графикӣ, аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани мазмуни мантиқӣ ва моҳияти дидгоҳи байнифаннӣ нисбат ба омӯзиши фанҳои зикршуда дар МТОТ.

2. Амалӣ намудани таҳлил ва ташхиси сабабҳои асосии сифати пасти омодагии анъанавии графикии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ, муайян ва пешниҳод кардани воситаву методҳои бартараф намудани онҳо тариқи гузариш ба методҳои муосири инноватсионии таҳсилоти графикӣ.

3. Барои омодагии мутахассисони самтҳои техникӣ дар заминаи дидгоҳи байнифаннӣ муайян кардани махсусияти мундариҷаи таҳсилоти графикӣ бо такя ба дастовардҳои имрӯзаи илм.

4. Коркард ва тариқи озмоиш санҷидани лоиҳаи ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилот тавассути ҳамгироии фанҳои геометро-графикӣ.

Таҳлили кори диссертатсионии мазкур нишон дод, ки муаллифи он Боев М.Б. вазифаҳои зикргардидаро ҳаматарафа ҳал кардааст.

**Навгонии илмии таҳқиқотии** кори диссертатсионӣ низ дар илми педагогии муосир нақши босазо дорад:

- асосноккунии илмию назариявӣ функсияҳои байнифаннии таҳсилоти графикӣ (аз нуқтаи назари амсиласозии графикӣ ҳамчун заминаи таълим ва амсилаи графикӣ ҳамчун омили низомофаранда) дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ;

-дар асоси таҳсилоти фанҳои геометро-графикӣ муайян кардани моҳияти дидгоҳи байнифаннӣ, ки ба қисми байнифаннии таҳсилоти графикӣ асос меёбад (барои ихтисосҳои муҳандисии мушоҳидавӣ пешбинӣ гардидааст);

-муайян ва асоснок кардан, ташаккул додани асосҳои омодагии геометро-графикӣ (ОГГ), ки сатҳи бунёдии салоҳиятнокии геометро-графикии муҳандисониояндаи соҳаи саноати кӯҳиро ба вуҷуд меорад;

- мубодилаи дутарафаи равандҳои ОГГ-и муҳандисони соҳаи кӯҳию металлургӣ дар мундариҷаву сохтори фанҳои омӯхташаванда; истифодаи шаклҳои инноватсионии таълим (методи лоиҳавӣ, супоришҳои эҷодии гурӯҳӣ ва инфиродӣ); ба ҳисоб гирифтани малакаҳои инфиродии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанҳои геометро-графикӣ; таъмини раванди таълим бо таҷҳизоти навтарини моддӣ-техникӣ (гузариш ба графикаи компютерӣ ва истифодаи 3D принтер);

- таъмин намудани такмили ихтисоси кадрҳои омӯзгории муассисаҳои олии техникӣ дар мувофиқат бо талаботи технологияҳои нави педагогӣ.

Муаллифи диссертатсия Боев М.Б. барои ҳимоя нуқтаҳои **асосии илмӣ педагогии бадастовардаашро ба таври зайл пешниҳод кардааст:**

1. Баланд бардоштаи салоҳиятнокии касбӣ бо мундариҷаву сохтори ТГГ, ки бо дидгоҳи байнифаннии ба ҳамгироии фанҳои графикӣ асосёбанда алоқаманд аст.

2. Ҳамгироии қисмҳои таркибии назариявӣ ва вариативӣ асоси муносибати байнифанниро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, қисми назариявии ҳамгироӣ ба мундариҷаи донишҳои графикӣ асос меёбад, ки қисми пешбари онро амсиласозии графикӣ ташкил медиҳад; қисми вариативӣ ба мундариҷаи донишҳои графикӣ асос меёбад, ки ба касбияти хатмкунандагони муассисаи олии техникӣ аз рӯйи ихтисосҳои интихобшуда нигаронида шудааст; қисми байнифаннӣ созмондиҳандаи таъсироти мутақобили қисмҳои вариативӣ ва назариявӣ мебошанд, ки бо як мақсад муттаҳид шуда, сифатҳои касбии шахсиятро амалӣ мегардонанд ва ба равандҳои ташаккули салоҳиятнокии мутахассисони оянда таъсир мерасонанд.

3. Талабот нисбат ба сатҳи бунёдии таҳсилоти геометро-графикӣ муайян карда шуданд, яъне омодагӣ барои татбиқи маърифатии донишҳо, маҳорату малакаҳо дар таҳлил, синтез, параметризатсияи шаклҳои геометро-

графикии маснуоти (детал) мушаххаси мошинҳо ва объектҳои кӯҳӣ, сохтани амсилҳои сеченака ва тасвирҳои  ассотсиативии дученака, ки афзудани самаранокии ташаккули онро дар рафти омодасозии муҳандисони ояндаи соҳаи саноати кӯҳӣ-металлургӣ  имкон медиҳанд.

4. Таҳсилоти графикӣ ба таъмини қобилият ва омодагӣ барои татбиқи комплексии салоҳиятҳои фарогирифта, инкишофи шахсияти донишҷӯён, омодагии назариявӣ ва азхудкунии методҳои асосии илмии амсиласозии графикӣ нигаронида шудааст.

5. Ташаккули сатҳи бунёдии ОГГ-и мутахассисони оянда-муҳандисони саноати кӯҳӣ-истихроҷӣ танҳо  ба шарти иҷро гардидани талаботи ошкоргардидаи ОГГ таъмин хоҳад шуд.

6. Амсилаи мундариҷавию протсессуалии ташаккули сатҳи бунёдии салоҳиятнокии геометро-графикии муҳандисони соҳаи саноати кӯҳӣ-истихроҷӣ, ки бо назардошти шартҳои  педагогии ошкоргардида ба роҳ монда шуд, барои ташаккули салоҳиятнокии лоиҳавӣ-тарроҳӣ заминаро фароҳам меорад.

Нуқтаҳои ҳимояшавандаи дар боло зикр гардида барои дарёфти унвони илмӣ арзанда буда, аз манфиат холӣ нест.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот,** ки дар поён номбар менамоем, бешубҳа барои инкишофи илми педагогикаи ватанӣ такон медиҳад ва ҳамчун механизми баланд бардории сифати таҳсилоти геометро – графикӣ солҳои тӯлони хизмат мерасонад:

- ҷорӣ намудани таҳсилоти графикии тамоюлаш консептуалӣ бо махсусияти системавӣ – амалӣ  ба сифати  таҳкурсии салоҳиятнокии касбии муҳандиси оянда дар шароити иттилоотикунонии ва ҳамгироии соҳаҳои гуногуни фаъолият;

- пешниҳоди роҳҳои ноилшавӣ ба азхудкунии системаноки мундариҷаи таҳсилоти графикӣ ва фарогирии маҳорати амалӣ дар заминаи татбиқи комплекси методҳо, шаклҳо ва воситаҳои идоракунии таълим дар раванди амалисозии коркарди амсилаи омодагии муҳандиси оянда бо назардошти таҳияи нақшаи таълим дар заминаи дидгоҳи байнифаннӣ;

-коркарди мазмуну мундариҷаи фанни “Графикаи муҳандисӣ-компютерӣ”, ҳамчунин татбиқи дақиқу арзишманди озмоишии он дар раванди таҳсилоти муассисаҳои олии техникӣ;

-коркарди маҷмӯи воситаҳо барои дастгирии ҳаматарафаи омодагии геометро-графикӣ, ки имконияти истифодаи натиҷаҳои ҳосилшударо дар раванди коркарду амалисозии маҷмӯаҳои нави таълимӣ фароҳам меорад;

- ҷорӣ намудани маҷмӯи қисмҳои асосии таҳсилоти геометро-графикӣ дар раванди таълими Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон ва

Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** низ ба мақсаду вазифаҳои он пурра мувофиқ буда, бо муқаррароти назариявӣ оид ба раванди таълими фанни муҳандисӣ-компютерии графикӣ (назарияи амсиласозии геометро-графикӣ) дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникӣ, амалияи татбиқ дар раванди таълим, натиҷаҳои озмоиши педагогӣ, аз санҷиш гузаронидани таҳқиқот бо муҳокимаи минбаъдаи натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияву семинарҳои умумиҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ тасдиқ шудааст.

Аппарати илмии диссертатсия ба кулли меъёрҳои таълифи муқаддимаи корҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

Боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назариявии ташаккули курси асосии фанҳои геометро - графикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникии Тоҷикистон»** аз се зербоб иборат буда, ба таҳлили иҷтимоӣ, педагогӣ, психологӣ ва арзишҳои миллӣ бахшида шудааст. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили андешаҳои мутафаккирони ватанию хориҷӣ ва дигар манбаҳои назариявию эмпирикӣ, паҳлуҳои мухталифи масъалаи пешниҳодшуда ҳамаҷониба таҳқиқ гардидааст.

Боби дуюми рисолаи илмӣ–таҳқиқотӣ ба таҳлили **«Корҳои озмоишӣ оид ба ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро-графикӣ»** равона гардида, дар ҳар як зербоб маводҳои таълимӣ ҳангоми таълими **фанҳои геометро-графикӣ** аз ҷиҳати илмию педагогӣ мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифтаст.

Натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар маводҳои нашр намудаи муаллиф инъикоси худро ёфтааст. Аз рӯи мавзуи таҳқиқот 31 мақола, 4 дастури таълими нашр шудааст, ки аз онҳо 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Ҳангоми пурра омӯхтани диссертатсия ва автореферат ва дар ҷараёни навиштани тақризи мазкур, баробари муваффақиятҳои муаллиф баъзе нуктаҳои баҳсталабро ошкор кардем, киислоҳи минбаъдаи онҳо боиси боз ҳам баланд гардидани сатҳу сифати пажӯҳишоти оянда мегардад. Ба сифати эродҳои тавсиявӣ чанд нуктаро таъкид кардан ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар ҷараёни таҳқиқи мавзуи илмӣ таҳлили асарҳои олимони ватанӣ Гулмадов Ф., Қодиров Қ.Б. нишон дода шудааст, аммо дар руйхати адабиёт оварда нашудааст. Хуб мешуд, ки асарҳои олимони ватанӣ ба монанди Сатторов А.Э., Шарипов Ҷ., Мансур Н. Шарипов Н., Мусавиров Ш.,

Сироҷиддини Д., ва дигарон, ки ба таҳқиқоти муаллиф алоқамандӣ дорад, таҳлил карда мешуд, ба манфиати кор хоҳад буд.

2. Муқоисаи корҳои озмоишию таҷрибавӣ дар донишкадаҳову донишгоҳҳои техникии гуногуни ҷумҳуриамон гузаронида мешуд, қимати коро боз ҳам меафзуд.

3. Дар рисолаи илмӣ баъзе хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасад.

Эродҳои овардашуда ҷузъӣ, тавсиявӣ ва ислоҳпазир буда, ба арзиши илмӣ-назариявӣ ва амалии рисолаи диссертатсионӣ таъсири манфӣ надорад ва арзиши диссертатсияро кам намекунад.

Диссертатсияи Боев Муродбек Бекмаҳмадович дар мавзуи «Асосҳои илмӣ – педагогии ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро-графикӣ» таҳқиқоти комил ва дар сатҳи баланди илмию пажуҳиши бaанҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири кафедраи математика ва методикаи
таълими оние Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Сироҷиддини Д

Имзои Сироҷиддини Д. – ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

“23” 04 2024

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
**Тел.:** (+992 3322) 2-35-06, 2-35-09
**Факс:** (+992 3322) 2-35-06
**E-mail:** info@kgu.tj